**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи: «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат. ш. Душанбе, 2026 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи: «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар давраи имрӯзаи рушди ҷомеа ва ташаккули давлатдории муосир, ки бо равандҳои мураккаби сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ҳамроҳ аст, масъалаи таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз омилҳои асосии устувории низоми давлатдорӣ баромад менамояд. Дар ин раванд, татбиқи воқеии принсипҳои демократия, волоияти қонун, адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо дар шароите имконпазир мегардад, ки фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба талаботи замон, бо такя ба асосҳои илмӣ ва меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ба роҳ монда шуда бошад. Аз ин лиҳоз, масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар шароити афзоиши таҳдидҳои ҳуқуқӣ, аҳаммияти калидӣ касб менамояд.

Бо вуҷуди он ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаҳои марбут ба фаъолияти мақомоти прокуратура мавриди омӯзиши олимон қарор гирифтаанд, аксари таҳқиқот хусусияти ҷузъӣ дошта, бештар ба таҳлили ҷанбаҳои ҷудогона, аз қабили ваколатҳои назоратӣ, мақоми конститутсионӣ ё масъалаҳои мурофиавии фаъолияти прокурорӣ маҳдуд шудаанд. Дар натиҷа, масъалаҳои вобаста ба моҳият, сохтор, шаклҳо, усулҳо ва самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ҳамчун низоми ягонаи фаъолияти давлатӣ ба таври комплексӣ ва системавӣ таҳлил нагардидаанд. Ин ҳолат зарурати таҳқиқоти амиқ ва мукаммали назариявию ҳуқуқиро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар ҳамин замина, анҷом додани таҳқиқоти илмӣ, ки ба омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқтатбиққунӣ равона шудааст, аҳаммияти хоссаи илмӣ ва амалӣ касб менамояд. Чунин таҳқиқот имкон медиҳад, ки заминаҳои назариявии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дақиқ карда шаванд, механизмҳои татбиқи ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти прокуратура такмил ёбанд, инчунин пешниҳодҳои асоснок ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ таҳия гарданд.

Ба ин тартиб, омӯзиши фаъолияти мақомоти прокуратура на танҳо барои рушди минбаъдаи назарияи татбиқи ҳуқуқ ва илми ҳуқуқшиносӣ дар маҷмуъ, балки барои баланд бардоштани сатҳи фаъолияти амалии мақомоти прокуратура, таҳкими волоияти қонун, ҳифзи устувори ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини рушди устувори ҷомеа аҳаммияти назаррас дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти

диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар доираи он аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст. Дар рисола фаъолияти мақомоти прокуратура на танҳо ҳамчун маҷмуи ваколатҳои амалӣ, балки ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ, дорои асосҳои назариявӣ, меъёрӣ ва ташкилӣ таҳлил гардида, ҷанбаҳои гуногуни он дар робитаи мутақобила баррасӣ шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот рушди таърихӣ ва ҳолати кунунии қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти мақомоти прокуратура ва татбиқи ҳуқуқро танзим менамояд, мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Ҳамзамон, бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура омӯхта шуда, хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо нисбат ба низоми ҳуқуқии миллӣ муайян гардидаанд. Ин равиш имкон додааст, ки имкониятҳои мутобиқсозӣ ва такмили механизмҳои амалкунандаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ асоснок карда шаванд.

Навгонии таҳқиқ ҳамчунин дар таҳлили муфассали санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Муаллиф моҳият, хусусиятҳои ҳуқуқӣ, шакл ва нақши ин санадҳоро дар механизми татбиқи ҳуқуқ муайян намуда, онҳоро ҳамчун воситаи асосии амалисозии ваколатҳои прокурорӣ баррасӣ кардааст. Дар ин замина, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-институтсионии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура муайян гардида, ҷойгоҳи онҳо дар низоми умумии мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ мушаххас карда шудааст.

Илова бар ин, дар диссертатсия ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ба таври алоҳида таҳлил шудаанд. Масъалаҳои марбут ба сифати забонӣ ва услубии санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, риояи талаботи техникаи ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи санадҳои прокурорӣ, инчунин нақши ин омилҳо дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Дар ин замина, таваҷҷуҳи махсус ба масъалаи такмили сатҳи касбӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва малакаҳои амалии кормандони мақомоти прокуратура, хусусан кормандони ҷавон, зоҳир гардидааст.

Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои зерин ҳамчун натиҷаҳои дорои навгонии илмӣ ба таври муфассал асоснок карда шудаанд:

– муайян намудани маҷмуи омилҳои назариявӣ ва амалӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти прокуратура таъсир мерасонанд ва ҳамчун шарти муҳимми самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии онҳо баромад менамоянд;

– таҳлили вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ва асоснок намудани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти нисбатан мустақили фаъолияти прокурорӣ;

– таҳияи равишҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили забон, услуб ва техникаи таҳияи санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура;

– пешниҳод намудани Консепсияи муосири ташаккул ва рушди фаъолияти мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти прокурорӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи замони муосир равона гардидааст.

Ба ин тартиб, навгонии илмии таҳқиқоти мазкур на танҳо дар пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои ҷудогона, балки дар шаклгирии

дидгоҳи мукаммали назариявию ҳуқуқӣ нисбат ба фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфта, заминаи илмиро барои таҳқиқоти минбаъда ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ фароҳам меорад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқоти мазкур натиҷаи омӯзиши мукаммал ва фарогири масоили марбут ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Рисолаи илмӣ ҳамчун аввалин тадқиқоти ҳамаҷониба дар самти таҳлили фаъолияти мақомоти прокуратура, қонунгузории миллиро дар ҳамбастагӣ бо таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ мавриди таҳлили низомманд қарор додааст. Баррасии васеи адабиёти илмӣ барои равшан сохтани мафҳумҳои асосӣ ва истилоҳоти ҳуқуқӣ заминаи назариявии боэътимод фароҳам оварда, татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқиро осон менамояд.

Эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба таҳлили амиқи маводи эмпирикӣ такя намуда, санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, инчунин барномаву стратегияҳои давлатӣ ва суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар бар мегирад. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили назариявӣ ва амалӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ ва санҷиши эътимоднокии маълумотҳо хулосаҳои илмӣ ва амалии дорои аҳамияти назаррас пешниҳод намудааст.

Ҳаҷми назарраси маводи таҳлилшуда ва дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот, ҳамчунин интишори онҳо дар мақолаҳои илмӣ, сатҳи баланди эътимоднокии рисоларо собит менамоянд. Тавсияҳои

илмии пешниҳодгардида ба натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти мақомоти прокуратура асос ёфтаанд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои илмии диссертатсия бо истифода аз методологияи дақиқ, таҳлили ҳамаҷонибаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва маводи кофии таҳқиқотӣ таъмин гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи: «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат аз рӯйхати ихтисорот, мукаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 238 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ, мушкилоти назариявӣ ва амалии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар мақомоти прокуратура, мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳо баён шудаанд.

Боби якум тавсифи умумии назариявии татбиқи ҳуқуқ дар фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мегирад. Ба таърифи муаллиф ҳуқуқтатбиқкунӣ шакли алоҳидаи амалигардонии ҳуқуқ ҳисобида, он дар навбати худ аз унсурҳои таркибӣ, нишонаҳо, механизм ва субъектон иборат аст. Ба маънои дигар, ҳуқуқтатбиқкунӣ шакли махсуси амалигардонии ҳуқуқ мебошад, ки бо моҳият, мундариҷа ва субъектони худ аз дигар шаклҳои амалигардонии ҳуқуқ фарқ мекунад. Он ҳамчун фаъолияти давлатӣ ва ваколати мақомоти давлатӣ эътироф карда мешавад. Яке аз нишонаҳои муҳимми ҳуқуқтатбиқкунӣ санади он мебошад. Дар амалияи ҳуқуқӣ санадҳои гуногун, масалан, санади меъёрии ҳуқуқӣ, санади маъмурӣ, санади иҷро, санади тафсир, санад-дастур, хулоса ва ғ. мавҷуд аст. Ба андешаи муаллиф, мақомоти

прокуртарура дар ҳама намудҳои фаъолиятҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқтатбиққунӣ иштирок мекунад. Яке аз воситаҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққуни мақомоти прокуратура бо роҳи назорат амалӣ гардида, он дар назарияи ҳуқуқӣ ҳамчун "назорати прокурорӣ" маъмул мебошад. Қобили зикр аст, ки фаъолияти назоратии мақомоти прокуратура дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқтатбиққунӣ паҳн гашта, назорат дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ асосан дар раванди пешбурди ва назорати тафтишоти пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ, иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ ва санҷиши қонунияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос меёбад. Иштироки мақомоти прокуратура дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ яке аз намудҳои фаъолияти он, яъне иттилоотӣ-таҳлилӣ (арзёбии ҳолати қонуният дар ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ)-ро дар бар мегирад. Бояд қайд кард, ки он дар салоҳияти худ ҷамъоварии маълумоти васеъ ва ҳамаҷониба оид ба вазъи қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқро мутамарказ намуда, метавонанд зарурати танзими ҳуқуқиро қариб дар ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян, таҳлилу арзёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти қонунгузорӣ ва амалисозии он ва вазъи қонуняту тартибот дар мамлакат таъмин намоянд. Ҳамзамон татбиқи мониторинги ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура сари вақт андешидани тадбирҳо оид ба таҳкими волоияти қонун дар фаъолияти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқӣ роҳандозӣ мегардад.

Дар боби дуюм муаллиф асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура ва санадҳои ҳуқуқтатбиққуниро таҳлил намудааст. Ба андешаи муаллиф, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намудани боби алоҳида, ки 5 моддаро дар бар мегирад, аз зарурату аҳаммият ва нақши прокуратура дар ҷомеа бозгӯ аст. Бинобар ин, вазифаи конститутсионии татбиқи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон тибқи Конститутсия танҳо ба мақомоти прокуратура дода шуда, ҳуқуқи истисноии Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи ӯро барои амалӣ намудани назорат аз болои риояи қонунгузории миллӣ дар доираи

муқаррарнамудаи ваколатҳо муайян шудааст. Дар дигар моддаҳои он мақоми роҳбарикунанда Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки аз фаъолияти худ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад.

Дар доираи ин боб, муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқӣ, қонуни конститутсионӣ мебошад, ки бевосита қабули он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, таҳлил гардидааст. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25.07.2005, №107 ҷойи намоёнро дар байни қонунҳои конститутсионӣ ҳамчун санади асосии муайянкунандаи ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура ишғол менамояд. Қонуни конститутсионии мазкур муқаррароти умумии марбут ба фаъолияти прокуратура, сохтор ва принсипҳои ташкилии онро муайян намуда, назорати прокурорӣ, самтҳои алоҳидаи онро (аз болои мақоме, ки кофтуковро анҷом медиҳад, дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ), иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ, шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ, асосҳои хизмат дар мақомот, фаъолияти прокуратураи ҳарбӣ, инчунин масъалаҳои дигар, ки ба фаъолияти прокуратура дахлдоштаро дида мебароянд, тавсиф менамояд.

Боби сеюм ба такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура дар самти татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон объекти «ҳимояи ҳуқуқи инсон» шахс ва шаҳрванд бо ҳуқуқ, озодиҳо, манфиатҳои қонунии ӯ буда, амалӣ ва риояи онҳоро мақомоти прокуратура ҳангоми иҷрои ваколатҳои берун аз доираи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Ваколатҳои прокурор воситаи ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, навъи кафолати таъмини ҳуқуқи муайянро ифода мекунанд.

Ба андешаи муаллиф, самти дигар фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниии мақомоти прокуратура дар амалигардонии вазифаи назоратии худ дар раванди мурофиаҳои судӣ ва дар тафтиши парвандаҳои гуногун ташкил медиҳад. Тибқи

моддаи 279 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумхурии Точикистон дар мурофиаи судӣ иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ба ғайр аз парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки дар онҳо айбдоркуниро худи ҷабрдида дастгирӣ мекунад, ҳатмӣ мебошад.

Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар раванди сиёсати ҳуқуқӣ нақш ва аҳаммияти калон дошта, вазифаи асосии он ба андешаи мо амалигардонии самарабахши меъёрҳои ҳуқуқӣ ва назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар симои мақомоти махсуси давлатӣ ва шахсони мансабдор мебошад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши асосии ҷомеаи муосир буда, аз ин рӯ татбиқи ҳуқуқ бояд маҳз ба ҳимоя ва таъмини манфиатҳои қонунии ҳар як шаҳрванд равона карда шавад. Дар ин раванд, тамоми фаъолияти мақомоти давлатӣ, махсус фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ба ҳимоя, таъмин ва татбиқи ҳуқуқҳои шахсӣ, молумулкӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии инсон ва шаҳрванд равона мегардад. Дилхоҳ самти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура маҳз ба инсон ва шаҳрванд ва татбиқу таъмини пурраи ҳуқуқҳои онҳо бахшида мешавад.

Аз самтҳои дар боло баррасишуда бармеояд, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура ба чунин соҳаҳо паҳн мегардад: риоя ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; татбиқи қонунҳо дар соҳаи иқтисодӣ; татбиқи қонунҳои соҳаи ҳифзи табиат; дар соҳаи татбиқи қонунгузории буҷетӣ.

Муаллиф бар он назар аст, ки ҳамаи соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ аз самтҳои зер иборат аст: фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура дар самти татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба тариқи зайл мебошанд: раванди интихобот ва раъйпурсӣ; тандурустӣ; мудофиа; меҳнат ва соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои иҷтимоии маъюбон, собиқадорон, нафақахӯрон; ҳифзи модару кудак; манзил; муҳоҷират, аз ҷумла вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд; фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ипрокуратура дар самти иқтисодӣ инҳоро дар бар мегиранд:

истифодаи моликияти давлатӣ ва маҳаллӣ; фаъолияти қарзӣ ва бонкӣ; соҳибкорӣ; андоз ва бозори коғазҳои қиматнок; савдои хориҷи ва ғ.; фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз инҳо иборат аст: ҳифзи замин; ҳифзи об; ҳавои атмосфера; партовҳои истеҳсолӣ; ҳифзи олами ҳайвонот ва захираҳои биологии обӣ; хоҷагии ҷангал ва ғ.

Хулосаи диссертатсияи мазкур ба натиҷагирии умумӣ аз таҳқиқи ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои назариявию ҳуқуқии фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар доираи ин қисмати кор натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли 14 банди дорои аҳамияти назариявӣ ва 5 банди ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равонашуда ҷамъбаст кардааст.

Хулосаи таҳқиқоти мазкур пас аз омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии он равшан аст. Натиҷаҳои таҳқиқот заминаи мустаҳкам барои фаҳмиши мақсаду вазифаҳо, сохтор ва механизмҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар мақомоти прокуратура фароҳам меоранд. Онҳо инчунин имконият медиҳанд, ки равандҳои назорат ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, қабули қарорҳои қонунӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар тамоми сатҳҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври самараноктар амалӣ гарданд.

Хулосаҳои таҳқиқот на танҳо доираи назариявӣ ва таърифи ҳуқуқтатбиқкунӣ, ваколатҳои мақомоти прокуратура ва механизми ҳамкории он бо дигар субъектҳои ҳуқуқӣ, балки заминаи амалии беҳтар кардани фаъолияти прокуратураро низ фароҳам мекунанд. Онҳо метавонанд барои таҳияи тавсияҳо ва дастурҳо оид ба такмили раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ, танзими санадҳои ҳуқуқӣ ва пешгирӣ аз қонунвайронкуниҳо истифода шаванд. Аз рӯи таҳлили ҳамаҷонибаи маводи эмпирикӣ ва назариявӣ, хулосаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки татбиқи дуруст ва систематикии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои ҳамкории

мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти давлатӣ метавонад сатҳи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимиятиро ба таври назаррас баланд бардорад.Ба ин маънӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ҳам барои рушди назариявии соҳаи ҳуқуқ ва ҳам барои амалигардонии фаъолияти мақомоти прокуратура аҳамияти воқеан амалӣ доранд ва метавонанд ҳамчун заминаи барои такмили қонунгузорӣ, барномаҳо ва стратегияҳои давлатии самти ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳое, ки пеши худ гузоштааст, ба таври фарогир ва комплексӣ баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои гузаронидаи таҳқиқот на танҳо барои рушди минбаъдаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, балки барои дигар илмҳои ба мавзуъ марбут низ заминаи назариявӣ фароҳам меоранд. Ин таҳқиқот имконият медиҳад, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои марбут ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳлил ва шарҳ дода шаванд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқи самтҳои алоҳидаи илмӣ, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, замина мегузоранд ва барои такмили фаъолияти амалии мақомоти прокуратура мусоидат мекунанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки пешниҳодот ва хулосаҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти рӯзмарраи мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ гардида, раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ ва иҷрои қонунҳоро боз ҳам самаранок гардонанд. Илова бар ин, маводи таҳқиқот метавонад дар муассисаҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ барои омӯзиши самтҳои мухталифи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода шавад.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки хароҷот ва талафоти молиявие, ки ба далели ҷиноятҳои иқтисодӣ ба вуҷуд

меоянд, коҳиш дода шаванд. Такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва такмили механизмҳои назоратӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар кишвар бо хавфҳои камтар ва муҳити устувортар амалӣ шавад. Ҳамзамон, татбиқи самараноки санадҳои ҳуқуқӣ ва чораҳои пешгирикунандаи мақомоти прокуратура метавонад таъсири ҷиноятҳои иқтисодиро ба моликияти давлатӣ ва хусусӣ маҳдуд созад, ки ин ба устувории низоми иқтисодӣ ва рушди тиҷорат мусоидат мекунад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, таҳқиқот ба баланд бардоштани сатҳи ҳуқуқтатбиққунӣ ва рушди маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа таъсири қавӣ дорад. Таъмини иҷрои қатъии қонунҳо ва амалигардонии дурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ фаъолияти мақомоти прокуратураро тақвият мебахшад, ки ин раванд барои ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва таҳкими эътимоди иҷтимоӣ муҳим аст. Илова бар ин, омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти прокуратура нишон медиҳад, ки татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ на танҳо қонуншиканиҳоро пешгирӣ мекунад, балки барои ташаккули фарҳанги риояи қонун дар ҷомеа ва рушди устувори иҷтимоӣ замина мегузорад. Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқот ҳам дар соҳаи иқтисод ва ҳам дар ҷанбаҳои иҷтимоӣ аҳамияти амалӣ доранд: онҳо ба коҳиши зарарҳои молиявӣ, ҳифзи фаъолияти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, тақвияти самаранокии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва устувории волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 16 мақолаи илмӣ, ки аз он 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Набизода Наби Мирзонаим ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлоӣ грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 53 диссертатсия қайд намудааст, ки дар асоси он мақомоти прокуратура фаъолиятро дар тамоми соҳаҳои назорати прокурорӣ, алалхусус, назорати иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи андозу гумрук ва муносибатҳои байналмилалӣ ба роҳ монданд. Ҳарчанд ишора ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ шудааст, таҳлили муқоисавӣ бо таҷрибаи кишварҳои дигар вуҷуд надорад. Ин маънои онро дорад, ки муаллиф

самаранокии татбиқи меъёрҳои байналмилалиро аз нигоҳи муқоиса бо дигар низомҳо таҳлил накардааст, ки ба қавӣ кардани саҳми илмӣ ва навоварии таҳқиқот таъсир мерасонад. Масалан, дар параграфи 2 қайд мешавад, ки прокуратура "заминаи ҳуқуқии худро дар меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ низ пайдо мекунад", аммо чӣ гуна ин меъёрҳо дар амал таъсиргузор шудаанд ё кишварҳои дигар бо кадом роҳ амалӣ мекунанд, таҳлил нашудааст.

2. Муаллиф дар саҳифаи 45 диссертатсия қайд намудааст, ки дар марҳилаҳои зикршуда усулҳо, воситаҳо ва механизмҳои гуногун барои ҳуқуқтатбиқкунӣ аз ҷониби прокурорҳо ва шахсони дигари мансабдори мақомоти прокуратура истифода мешаванд. Масалан, марҳилаҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ (муайян кардани ҳолатҳои воқеӣ, интихоби меъёр, баровардани санад, назорати иҷро) номбар шудаанд, вале далел ё мисоли воқеӣ, ки ин марҳилаҳо чӣ гуна натиҷа медиҳанд, дар таҳқиқот оварда нашудааст.

3. Муаллиф дар саҳифаи 46 диссертатсия қайд намудааст, ки мақомоти прокуратура вазифаи пешгирикуниро дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ амалӣ менамояд. Аз ҷумла, санадҳои беасос ва ғайриқонуниро мақомоти прокуратура бекор менамояд, қонуншиканӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳоро дар мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ пешгирӣ менамояд. Аммо таҳлили мушкилот ва маҳдудиятҳои воқеии ин вазифа оварда нашудааст. Масалан, гуфта мешавад, ки ҳуқуқвайронкуниҳоро пешгирӣ мекунанд, вале намуди қонуншиканӣ, сабабҳо ва ҳолатҳои бартараф намудани он таҳлил нашудаанд, ки самаранокии воқеиро нишон диҳанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар умум, диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи: «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Муовини якуми директори Маркази миллии конунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои хукукшиносӣ, Ҷамшедзода К.Ҷ.

Имзои К.Ҷ. Ҷамшедзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории Маркази миллии конунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Холализода А.
«02» 03 2026 с

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи академик А.Аҳмадов Тел:(+99237)227-46-08,(992)785-00-01-01
E-mail: jkomron11@mail.ru